## СЕМИНАРИ ИЛМӢ – МЕТОДӢ

Санаи 21.05.2026 тибқи нақшаи чорабиниҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 ноҳияи Варзоб семинари илмӣ – методӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои илмию амалии такмил ва омӯзиши таҳлили татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ» баргузор гардид. Дар оғози чорабинӣ мудири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Варзоб Қодиров Ҷумъа оид ба аҳаммияти ташаккули салоҳиятҳои арзишӣ-маънавӣ, умумифарҳангӣ, омӯзишӣ-маърифатӣ, худтакмилдиҳии шахсӣ ва иттилоотии хонандагон дар раванди таълим суханронӣ намуда, аз дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотирнишон шуд: «Дар замони мо, ки рушди босуръату бесобиқаи илму дониш, техникаву технологияҳо ва бахусус, зеҳни сунъӣ хусусияти барҷастаи он мебошад, донишомӯзӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва ҳатто ҳаётӣ пайдо кардааст». Сипас мудири шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳ Пулотова Г. дар мавзуи «Ҷанбаҳои илмию амалии такмил ва омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» маъруза намуд. Дар баромад таъкид гардид, ки такмили омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ пеш аз ҳама ба навсозии мазмуни таҳсилот, истифодаи технологияҳои рақамӣ, таҷҳизоти таълимӣ, корҳои лабораторӣ ва ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагон вобаста мебошад. Ҳамзамон, мудири шуъбаи лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳ Шомамадова Ҳ. дар мавзуи «Нақши зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагон» баромад намуд. Зимни суханронӣ иброз гардид, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ ва имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар раванди таълим ба рушди ҷустуҷӯи мустақилона, таҳлилу муқоисаи иттилоот, истифодаи манбаъҳои илмии ҷаҳонӣ, ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон мусоидат мекунад. Дар фарҷом иштирокчиён масъалаҳои татбиқи муносибати босалоҳият, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълим, истифодаи воситаҳои рақамӣ ва таҷрибаи омӯзгоронро мавриди баррасӣ қарор доданд. Миёни иштирокчиён мубодилаи афкор сурат гирифта, доир ба ҷанбаҳои илмию амалии татбиқи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ пешниҳодҳои судманд ироа гардиданд.












ВИРУСҲО


ОЛИМОНИ КОМПЮТЕР